# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2015-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Мавзуи рисолаи номзадии диссертант басо муҳим ва мубрам буда, дар Тоҷикистон оид ба ин мавзуъ таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ ба анҷом расонида нашудааст. Ин аз зарурат ва аҳаммияти он дарак медиҳад. Бешубҳа, дар пешбурд ва рушди соҳаи сайёҳӣ тарғибот нақши бориз дорад ва дар ин ҷода васоити ахбори омма низ бетараф буда наметавонад. Тавре дар автореферат диссертант таъкид намудааст, давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳа тадбирҳои зиёдеро роҳандозӣ намудаанд, ки басо аҳаммиятноканд ва дар пиёдасозии ин чорабиниҳои ҳукуматӣ матбуоти даврӣ бо маводи иттилоотӣ, таҳлилӣ ва танқидӣ саҳм мегузорад. Махсусан, дар замони соҳибистиқлолӣ ба ин раванд таваҷҷуҳ бештар шудааст, ки инро муҳаққиқ низ ишора кардааст.

Ҳадаф аз пажуҳиши ин мавзуъ муайян намудани нақши матбуоти даврӣ дар инъикоси масъалаҳои марбут ба сайёҳӣ ва таъсири чунин мавод ба афкори ҷомеа, ҷалби сайёҳон ва рушди ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Диссертант асоснок намудааст, ки дар татбиқи сиёсати ҳукумати кишвар дар бахши сайёҳӣ, баррасии вазъ ва ҳолати ин соҳа ва инъикоси чорабиниҳои сатҳи гуногуни марбут ба рушди он ВАО, бахусус матбуоти даврӣ нақши бориз дорад. Нашрияҳои даврӣ тавассути инъикоси воқеиятҳои сайёҳӣ ва масъалаҳои марбут ба он, аз як тараф, дар тарғибу ташвиқи мавзеъҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ (тафреҳӣ), ёдгориҳои таърихӣ ва ҷалби сайёҳон ба Тоҷикистон саҳм мегузоранд, аз ҷониби дигар, бо баррасии масъалаҳои марбут ба ин соҳа дар ҳалли

мушкилоти мавҷуда ва рушди сайёҳӣ мусоидат мекунанд, ки инро муҳаққиқ илман муайян кардааст.

Автореферат мутобиқи тартиби омодасозии муайяннамудаи КОА-и назди Президенти Тоҷикистон таҳия гардида, аз нигоҳи сохт ва муҳтаво ҷанбаи баланди илмӣ дорад. Дар он муқаддима ва хулосаи диссертатсия айнан оварда шуда, бобу фаслҳои кор мушахассан шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Бобу фаслҳои афтореферат ба ҳам пайвастагии мантиқӣ дошта, якдигарро пурра мекунанд.

Муҳаққиқ дар асоси маводи ҷамъоваришуда заминаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии рушди соҳаи сайёҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ намуда, нақши матбуоти даврирро дар инъикос ва тарғиби тадбирҳои ҳукуматӣ доир ба рушди сайёҳӣ дар кишвар муайян намудааст. Дар баробари ин, дараҷаи инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ ва вижагиҳои баррасии онҳоро дар нашрияи «Ҷумҳурият» ва таносуби мавзуъҳои марбут ба сайёҳиро дар нашрияи «Ҷавонони Тоҷикистон» таҳқиқ ва муайян намудааст. Дар асоси таҳлили маводи амалӣ умумият ва фарқи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» дар инъикоси рӯйдод ва масъалаҳои марбут ба сайёҳӣ, шарҳу баррасии воқеиёт ва масъалаҳои сайёҳӣ, истифодаи жанрҳои публитсистӣ нишон дода шудааст, ки аз зарфияти илмии муҳаққиқ дарак медиҳад.

Таҳқиқот, аз як тараф, дар дарки моҳияти журналистикаи сайёҳӣ, аз тарафи дигар, дар маърифати дарёфти роҳу усулҳои тарғиби мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ ва табиии кишвар дар воситаи ахбори омма, бахусус матбуоти даврӣ ва ба ин васила, ҷалби сайёҳон ва рушди сайёҳии мамлакат дорои хусусияти навгонӣ ва арзиши илмӣ аст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти Абдуллоева Машҳура Нематовнаро дастоварди хуб дар соҳаи журналистика номидан мумкин аст. Маводи онро метавон ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи дастурҳои таълимӣ, матни курсҳои махсус доир ба журналистикаи сайёҳӣ барои донишҷӯёну магистрантони факултетҳои журналистика ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва реклама истифода кард.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

– дар автореферати диссертатсия пажӯҳишҳои на ҳамаи муҳаққиқон ба назар гирифта шудааст.

– агар диссертант дар боби сеюми кор, ки баҳси жанриро фаро мегирад, аз намунаи жанрҳо мисол меовард, илмияти шарҳи масъала боз ҳам баландтар мегардид.

Бо вуҷуди ин, автореферати диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» - солҳои 2015-2020)» бо муҳиммият, навгонии илмӣ, усули таҳқиқу таҳлил, аҳаммияти назариявию амалӣ ва сохтори илмиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти унвони номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Мукарриз: Самадова Дилбар Ҳасановна
номзади илми филология, дотсенти кафедраи
журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”
Суроғa: шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков 1,
телефон 8342265273, e-mail: d-samadova@mail.ru

“Тасдиқ мекунам”
Сардори Раёсати кадрҳои МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.

Суроғa:735700, ҷумҳуриитоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
тел:+(992) 927388887
E-mail: ddhkadr@mail.ru

18.11.2022.